**Тақризи**

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2025. – 350 с.**

Мавзуи интихобнамудаи диссертант мубрам буда, ба яке аз давраҳои муҳими таърихи асри миёнаи халқи тоҷик бахшида шудааст. Ҳарчанд доир ба паҳлуҳои гуногуни масъалаи мавриди пажуҳиш аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ асарҳо ва мақолаҳои илмии зиёд навишта шуда бошанд ҳам, то ҳол бисёр масоили муҳимми мавзуи мазкур, аз ҷумла таърихнигории таърихи ин давра ба таври комил ва густурда мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аз ин хотир таҳқиқи ин мавзуи муҳим дар таърихнигории халқи тоҷик ниҳоят муҳим буда, афзалияти бузурги илмиро доро мебошад. Муаллифи диссертатсия ҳангоми таҳқиқи ин мавзуъ ба масъалаҳои муҳимму пурпечутоби ин давра даст зада, бисёр паҳлуҳои номаълум ва баҳсталаби таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросонро равшан намудааст. Аз ҷумла, масъалаҳои ба сари қудрат омадани Темур дар Мовароуннаҳр, забткориҳои ӯ ва харобиҳои овардаи ворисонаш дар Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV, аҳволи сангини иҷтимоию иқтисодии мардуми минтақа ва амсоли он то ҳол дар баррасиҳои таърихнигорӣ ё накди осори илмӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буданд. Муродзода Аҳмадхон бар мабнои маводи маъхазҳои хаттии боэътимод ва таҳлили интиқодии онҳо масъалаҳои фавқуззикрро таҳлили баррасӣ ва ҳаллу фасл намудааст.

Баробари ин муаллифи диссертатсия кӯшиш ба харҷ додааст, ки нақши муаррихони ватаниву хориҷиро дар баёни воқеъбинонаи рӯйдодҳои таърихии Мовароуннаҳру Хуросон дар солҳои 40-уми асри XIV ва асри XV муайян намояд ва амалӣ намудани ин ҳадаф низ ба ӯ муяссар гаштааст.

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи доктории Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар он зоҳир мегардад, ки то кунун оид ба мавзуи таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар

замони мавриди омӯзиш таҳқиқи диссертатсионӣ бевосита ва мустақим анҷом наёфта аст ва ин кӯшиши аввалин аз ҷониби унвонҷӯ барои ҳалли ин масъала ба шумор меравад.

Диссертант ҳангоми таҳқиқи ин масъала усулҳои муносибати маҷмуиву системавии дар илми муосири таърих вуҷуддошта ва усули таҳлили муқоисавиро истифода намуда, сабабу натиҷаҳои рӯйдодҳои таърихӣ, заминаҳо, омилҳо ва натиҷаҳои раванди лашкаркашиҳои Темур ва Темуриёнро дар Мовароуннаҳру Хуросон дар асоси илми таърихнигорӣ таҳқиқу баррасӣ намудааст. Татбиқи усули пайдарпайи диссертатсия ба унвонҷӯ имкон додааст, ки таърихи вазъи сиёсии ба сари қудрат омадани Темур, лашкаркашиҳои Темуриён ба минтақаҳои гуногуни Мовароуннаҳру Хуросонро дар рафти ҳодисаҳои пурмоҷарои давраи муайяни таърихӣ пайгирӣ намуда, воқеаҳои марбут ба мавзуъ амалигардидаро таҳлил намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии таҳқиқи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки диссертант бори нахуст дар илми таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию адабии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-ро ба таври фарогир таҳқиқ намуда, дар асоси маъхазҳои хаттиву осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон то ба сари қудрат омадани Темур ба таври воқеъбинона баҳо дода, рафти шӯриши Сарбадорони Самарқанд ва оқибатҳои онро дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ равшан намуда, раванди исёну ошӯбҳои мардумони Мовароуннаҳру Хуросонро бар зидди Темур ва Темуриён мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор додааст. Муҳаққиқ инчунин вазъи кишоварзии Мовароуннаҳру Хуросон ва илму фарҳанги ин давраро муайян намуда, дар асоси таҳлилу баррасии маълумоти маъхазҳои хаттии асрҳои XIV-XV ва осори муҳаққиқони муосир ба самти таҳқиқи таърихи вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросонро дар нимаи дуюми XIV ва асри XV муайян ва мушаххас кардааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар омӯзиш ва натиҷагирии ин мавзуъ аз он иборат аст, ки таҳқиқ аз ҷониби довталаб дар

сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расонида шуда, он дар илми таърихнигории тоҷик таҳқиқи ҷадид ва дорои мубрамияти хос мебошад. Муаллиф ҳангоми таҳқиқ масъалаҳои муҳимми мавриди таҳқиқ қарорёфтаи вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароунаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-ро бо назардошти маводди дастрас, бо маҳорати баланди илмӣ ва эҷодӣ ҳаллу фасл намудааст. Таҳлил ва коркарди маводи ҷамъовардашуда, навгониҳои илмӣ, хулоса, натиҷагирӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ саҳми шахсии унвонҷӯро дар пажуҳиш ва анҷоми таҳқиқоти мазкур собит месозанд.

**Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқот** дар он зоҳир меёбад, ки дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқҳо вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон муайян шудааст, ки он аҳаммияти илмиву амалӣ дошта, барои муайян кардани ҳодисаҳои таҳқиқнашуда ва норавшани таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик, ҳамчунин барои насли имрӯз ва ояндаи миллат аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Натиҷаи таҳқиқро метавон ҳангоми омӯзиши таърихи асрҳои XIV-XV, таҳқиқи минбаъдаи таърихи Мовароуннаҳру Хуросони давраи мазкур, таҳияи корҳои илмӣ, роҷеъ ба масъалаҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳанги халқи тоҷик ва мардумони ҳамҷавор тартиб додани барномаҳо, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълими методӣ барои кӯмак ба омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои олӣ, таҳияи курсҳои махсус оид ба ваҳшониятҳои Темур ва темуриён дар минтақаи мавриди таҳқиқ истифода намуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 1 монография, 26 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Сохтори диссертатсия, тарзу услуби таҳия ва баёни мантиқии мавод ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба навиштани диссертатсияҳо пурра ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Муродзода Аҳмадхон Амрохон аз лиҳози сохтор аз муқаддима, панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати сарчашма ва адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия "Бозтоби вазъи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 40-60-уми асри XIV дар осори ҳамзамонон ва пажуҳишҳои таърихӣ" ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якум сарчашмашиносии масъала ва ҷойгоҳи маъхазҳои дасти аввал дар омӯзиши мавзуъ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Бояд қайд кард, ки диссертант маъхазҳои хаттии дар ин қисмати диссертатсия овардашударо, мутобиқи хронология ҷойгир намуда, доир ба ҳар яки он маълумоти лозимии мухтасар пешниҳод намудааст.

Дар қисмати дигари ин боб масъалаи пароканадагии сиёсии Мовароуннаҳру Хуросонро дар солҳои 40-уми асри XIV мавриди баррасӣ қарор додааст. Тибқи таҳқиқоти диссертант хонҳои чағатойӣ талош мекарданд, ки тамоми мулкҳое, ки замоне ба Чингизхон таалluқ доштанд, аз нав зери тобеияти худ дароранд. Муборизаҳои шадид барои ҳокимият, оқибат боиси аз байн рафтани давлати чағатойӣ дар минтақа гардид. Диссертант таъкид менамояд, ки пароканадашавии давлати чағатойӣ боиси сар даровардани хонҳои Муғулистон ба Мовароуннахр гардид.

Зербоби сеюми боби якум ба таҳқиқи масъалаи "Шӯриши Сарбадорони Самарқанд" бахшида шудааст. Диссертант дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки гарчанде роҳбарони шӯриши сарбадорони Самарқанд бо роҳи фиребу

найранги Темур ва амир Ҳусейн ба қатл расида бошанд ҳам, маҳз ҳамин шӯриш аҷнабиёни муғулро, ки муддати қариб ду сад сол дар Мовароуннахр ба зулму истибдоди мардуми бумӣ машғул буданд, ба шикаст дучор сохт. Муаллиф, пас таҳқиқи маъхазҳои хаттӣ ба хулосае меояд, ки "Боиси таассуф аст, ки муаррихони асримиёнагии аҳди Темуриён аз зикри корнамоиҳои Сарбадорон ва роҳбарони онҳо ба муқобили аҷнабиёни муғул, шармандаворона майдони ҳарбро тарк кардани амир Ҳусайн ва Темур ва фирори онҳо аз қаламрави Мовароуннахр ба Хуросон худдорӣ мекунанд".

Боби дуюми диссертатсия ба масъалаи "Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 70-уми асри XIV ва оғози асри XV" бахшида шудааст, ки он аз ду зербоб иборат аст.

Диссертант дар зербоби якуми ин боб, масъалаҳои ҳокимияти Самарқандро гирифтани Темур ва оғози харобиҳои ӯ дар минтақа ва таҳлили вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 70-уми асри XIV ва оғози асри XV таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.

Диссертант бо такя бар ахбори маъхазҳои таърихӣ қайд менамояд, ки Темур соли 1380 ба султони Ҳирот малик Ғиёсуддин барои итоат кардан аз ӯ номае фиристода, талаб менамояд, ки ӯ ба итоати Темур дарояд ва ба Темур пешкашҳои шоиста фиристад. Малик Ғиёсуддини бошад, дар ҷавоб мактуби таҳдидомезе ба Темур ирсол менамояд. Аз таҳқиқоти диссертант бармеояд, ки Темур писари золими худ Мироншоҳро дар синни чаҳордаҳсолагӣ ҳокими Хуросон таъйин менамояд. Моҳҳои апрел-марти соли 1381 Ҳирот аз ҷониби Темур тасарруф гардида, ҳокими он Ғиёсуддини Пиралӣ бо тамоми аҳли хонадонаш асири Темур шуд ва онҳоро ба Самарқанд оварда, зиндонӣ карданд. Пас аз ин бо мақсади тарсонидани чашми мардум бо амри Мироншоҳ аз сари кушташудагон дар Ҳирот калламанора сохта шуд.

Зербоби дуюми боби дуюм-"Мубориза барои ҳокимият баъд аз вафоти Темур" барои ба даст овардани ҳокимият дар минтақа байни Халил султон, Пирмуҳаммад ва Шоҳрух бахшида шудааст. Диссертант менависад, ки баъди марги Темур дарҳол ҳокимони баъзе аз минтақаҳо ба писарони ӯ итоат накардани худро ошкоро баён карданд ва байни онҳо барои ҳокимият

муборизаҳои шадид сар зад. Оқибат Шоҳрух дар моҳи майи соли 1409 Мовароуннаҳрро аз дасти бародарзодааш Халил султон гирифта, ба фарзанди худ Улуғбек вобаста менамояд.

Боби сеюми диссертатсия - "Вазъи сиёсии Мовароуннаҳр ва Хуросони нимаи дуюми асри XV дар осори ҳамзамонон ва таҳқиқотҳои таърихӣ ва ховаршиносӣ" ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Диссертант дар зербоби якум пас аз таҳлили муқоисавии маводди маъхазҳои таърихие, ки роҷеъ ба вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон пас аз фавти Шоҳрух бахшида шудаанд, ба хулосае меояд, ки бо фавти Шоҳрух писараш Улуғбек дар умури давлатдорӣ ба нокомиҳо дучор гашта, оқибат аз ҷониби писараш Абдулатиф ба қатл расонда мешавад. Пас аз қатли Улуғбек байни намояндагони хонадони Темурӣ задухӯрдҳо барои соҳиб шудан ба тоҷу тахт оғоз мегардад.

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия "Вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар солҳои 50-60-уми асри XV" мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант дар ин қисмат бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросонро дар солҳои 50-60-уми асри XV мавриди таҳлил қарор додааст.

Диссертант, пас аз омӯзиш ва таҳлили маълумоти маъхазҳои таърихӣ менигорад, ки пас аз кушта шудани Абдулатиф ва ҳокими Мовароуннаҳр таъйин гардидани Абусаид, набераи Шоҳрух Абулқосим Бобур ба тахти Хуросон соҳиб мешавад. Абулқосим Бобур соли 1454 ба Самарқанд лашкар кашида, оқибат дар ин кашмакашиҳо вафот мекунад. Ба Абусаид муяссар мешавад, ки соли 1457 Мовароуннаҳру Хуросонро боз аз нав муттаҳид намояд.

Боби чоруми диссертатсия - "Вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XV дар манобеи таърихӣ ва осори муҳаққиқон" номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби чорум -"Вазъи сиёсии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XV" диссертант бо истифода аз манбаъҳои таърихӣ ва

осори муҳаққиқон вазъи сиёсии Мовароуннаҳрро дар нимаи дуюми асри XV мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор додааст.

Диссертант, қайд менамояд, ки баъд аз фавти Абусаид аз ӯ даҳ писар боқӣ монда, писари бузурги ӯ султон Аҳмад ҷонишини ӯ шуд. Писари дигари ӯ султон Маҳмуд низ баъд аз кушта шудани падараш ба Ҳирот омада, талоши ба даст овардани мулки Хуросонро кард, аммо ӯ низ муваффақ нашуд ва ба Самарқанд назди бародари худ султон Аҳмад омад. Соли 1494 пас аз вафоти султон Аҳмад бародараш султон Маҳмуд ба тахти Мовароуннаҳр соҳиб шуд, вале пас аз шаш моҳ аз сабаби беморӣ вафот кард. Миёни бозмондагони хонадони Темурӣ дар Мовароуннаҳр барои тахт мубориза шадид оғоз гардид. Муҳаммади Шайбонӣ аз мухолифатҳои шадиди охирин намояндагони сулолаи Темуриён истифода бурда, аз Дашти Қипчоқ бо қабилаҳои зери фармони худ ба сарзамини Мовароуннаҳр ҳуҷум кард. Аз таҳқиқоти диссертант бармеояд, ки баъд аз ворид шудани Муҳаммад Шайбонихон ба Мовароуннаҳр ҷангу ҷидолҳо барои ба даст овардани ҳокимият ба сари мардуми таҳҷоӣ харобиҳои зиёдеро ба бор овард.

Диссертант дар зербоби дуюми боби чорум - “Ҳукумати султон Ҳусайн Бойқаро дар Хуросон”, таҳлили таърихнигории вазъи сиёсии Хуросонро дар аҳди Ҳусайн Бойқаро мавриди таҳқиқ қарор дода, менависад, ки дар натиҷаи мунoқишаҳои оилавӣ фарзандон, ки ҳар яке дар минтақае ҳукмронӣ мекарданд, ба муқобили падари худ бархоста, вилоятҳои худро мустақил эълон мекарданд. Шайбонихон аз чунин вазъи баамаломада истифода бурда, Мовароуннаҳрро забт намуда, ба саркӯб намудани бозмондагони хонадони Темурӣ даст зад.

Пас аз таҳлили маводди маъхазҳо ва асарҳои таҳқиқотӣ диссертант ба чунин хулоса омадааст, ки ибтидои асри XVI шикасти империяи бузурги Темур фаро расида, давлате, ки бо қувваи силоҳ ва зулму истибдод ба вуҷуд омада буд, пас аз марги Темур завол ёфт.

Боби панҷуми диссертатсия ба масъалаи инъикоси вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон” бахшида шуда, дар ин боб диссертант масъалаҳои мазкурро дар

асоси манобеи таърихӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ ва натиҷагириҳои илмӣ қарор додааст.

Муаллиф дар зербоби якуми боби панҷум роҷеъ ба масъалаи мавриди таҳқиқ адабиёти илмии мавҷударо таҳлил карда, зикр менамояд, ки дар натиҷаи ҳуҷуми аҷнабиёни муғул авзои сиёсию иҷтимоии Мовароуннаҳр ва Хуросон ниҳоят мураккаб гардида буд. Қабилаҳои кӯчманчӣ бештари заминҳои киштзорро ба чарогоҳҳо табдил дода, дар натиҷа мардуми муқимӣ ҷойи зисти худро тарк карда, рӯ ба ҷониби кӯҳистон оварданд. Мураккаб гардидани вазъи сиёсию иқтисодӣ ба пурра хароб гардидани шабакаҳои обёрӣ оварда расонд. Диссертант ба хулосае омадааст, ки дар мавриди авзои иҷтимоии давраи Темуриён низ авзои иҷтимоӣ бо душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ буд.

Дисертант аз омӯзиш ва таҳлили манбаъҳои хаттӣ чунин натиҷагирӣ менамояд, ки низоми андозситоние, ки дар аҳди Темуриён вуҷуд дошт, ба таври дағалона вайрон кардани талаботи шариат ва истисмори бераҳмонаи аҳолии муқимӣ оварда расонид.

Зербоби дуюми боби панҷум - “Ҳаёти фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон дар таърихнигории шуравӣ ва замони муосир” ба таҳлили манбаъшиносӣ ва таърихнигории асарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ бахшида шудааст.

Диссертант дар ин қисмати рисола бо такя ба осори муаллифони асри миёна дар бораи авзои сиёсию иҷтимоӣ ва илмию адабии замони мавриди таҳқиқ маълумоти судбахш ва кофӣ овардааст. Ӯ пас аз таҳлилу баррасии маълумоти сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ ва осори муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ ба чунин хулоса омадааст, ки оид ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон ваҳшониятҳои Темур ва Темуриён дар осори олимони узбек сарфи назар шудааст.

Бояд тазаккур сохт, ки хулосаи рисолаи диссертатсионӣ аз дараҷаи баланди натиҷабардории илмии унвонҷӯ дарак медиҳад. Дар 18 банди

хулосаи диссертант, ки фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллифанд, фикрҳои ҷамъбастии ӯ натиҷагирӣ шудаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳои зерин ба чашм мерасанд:

1. Дар рисола номҳои ашхос ба таври гуногун навишта шудаанд, ки бояд якрангу якмаром навишта мешуданд. Масалан: саҳ. 15 - Ҳусайн Бойқаро, саҳ. 15, 16 - Ҳусейн Бойқаро, саҳ. 35, 67 – амир Ҳусайн, саҳ. 13 - амир Ҳусейн, саҳ. 35 - Темури Гурагон, саҳ. 49, 248 – Темури Курагон ва ғ..
2. Дар баъзе ҷойҳо (саҳ. 47, 50) ҳангоми овардани иқтибосҳо дар поварақ номи асар ва муаллифи он, инчунин саҳифаи китоб нишон дода нашудааст.
3. Дар диссертатсия асарҳои муаллифони аврупоӣ ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.
4. Дар рӯйхати адабиёт баъзе маъхазҳо (“Баҳористон”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва ҷилди якуми “Сборник летописей”-и Рашидуддин) дар қатори асарҳои таҳқиқотӣ ҷой дода шудаанд, ки ин ба талаботи таҳияи библиография мухолиф аст.
5. Дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ва ноқисиҳои таҳририӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Қобили зикр аст, ки камбудиҳои ҷойдошта аҳаммияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд ва рисолаи мазкур таҳқиқоти илмии арзишманд ва мустақилона баанҷомрасида буда, ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардида аст, мувофиқ мебошад.

Мазмуни автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба таври комил навоварӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори

илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пурра баанҷомрасида ҳисоб ёфта, муаллиф тавонистааст ҳадаф ва вазифаҳои дар наздаш гузоштаро комилан ба анҷом расонад.

Сохтори диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат менамояд ва Муродзода Аҳмадхон Амрохон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ: Доктори илмҳои таърих,**
**и.в.профессори кафедраи таърихнигорӣ ва**
**архившиносии факултети таърихи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Ғуломов Т.М.**
**“17” 06 2025г.**

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
Шаҳраки 192/193, хонаи 602.
Тел: 907827090, E-mail: tojiddini_82@mail.ru

**Имзои доктори илмҳои таърих, и.в. профессор**
**Т.М. Ғуломовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э. Ш.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 17,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Телефон: (+992) 2217711 E-mail: (https://tnu.tj/).

**«17» 06 2025**